Аз 01.04.2025,№6429/11.1

Мақомоти ҳудудии андоз ва андозсупорандагон

Оид ба тағйир ёфтани меъёри аксиз ба баъзе номгӯи молҳои зераксизӣ

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади дар амал дуруст татбиқ намудани қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 феврали соли 2025, №138 "Дар бораи ворид намудани тағйироту илова ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 июни соли 2018, №302" (минбаъд - Қарор), тавзеҳоти зеринро манзур менамояд.

Қарор бо назардошти муқаррароти моддаи 295 Кодекси андоз (таҳрири соли 2022) бо мақсади мутобиқ намудани баъзе намуди молҳои зераксизии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истеҳсолшаванда ва ба Ҷумҳурии Тоҷикистон воридшаванда ба Номгӯи фаъолияти иқтисоди хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 феврали соли 2024, №94 тасдиқ шудааст, таҳия гардидааст.

Мутобиқи бандҳои 1), 2), 3) ва 4) қисми 1 Қарор меъёрҳои аксиз чунин муқаррар карда шудааст:

| Рамзи мол НМФИХ ҶТ | Номгӯи молҳо | Меъёри аксиз бо фоизҳо аз арзиш ё бо евро барои воҳид |
|---|---|---|
| Гурӯҳи 22<br>Нӯшокиҳои спиртӣ, ғайриспиртӣ ва сирко | | |
| 2202 | Обҳо, аз ҷумла маъданӣ ва газдор, дорои иловагиҳои шакар ё маводи дигари ширикунандаҳо ё хуштаъм-хушбӯй ва дигар нушокиҳои ғайриспиртӣ ғайр аз шарбатҳои мева ё сабзавоти мавқеи молии 2009: | 0,04 евро барои 1 литр |
| 2202910000 | ---оби ҷави ғайриспиртӣ | 0,40 евро барои 1 литр |

| | | |
|---|---|---|
| 2203 00 | Оби ҷави суманакорд: | 0,40 евро<br>барои 1 литр |
| 2204 | Майҳои табиӣ аз ангур, аз он ҷумла спиртдор; шираи ангур, ғайр аз дар мавқеи молии 2009 зикршуда: | 0,84 евро<br>барои 1 литр |
| 2207 | Спирти этилии денатуратсия карданашуда бо консентратсияи спирт 80 % ҳаҷм ё зиёд; спирти этилӣ ва шаробҳои дигари спиртӣ, денатуратсия кардашуда, ҳама гуна консентратсияҳо: Ғайр аз: спирти этилии денатуратсиянашудаи дар дохили | 3,0 евро<br>барои 1 литр |
| 2208 | Спирти этилии денатуратсия карданашуда бо консентратсияи спирт камтар аз 80 % ҳаҷм; шаробҳои спиртӣ, ликёрҳо ва нӯшокиҳои дигари спиртӣ: | 4,0 евро<br>барои 1 литр |
| | Гурӯҳи 27<br>Сӯзишвории маъданӣ, нафт ва маҳсулоти коркарди онҳо | |
| 2710 12 | -----дистиллиятҳои сабук ва маҳсулот:<br>-----бензинҳои муҳаррик: | |
| 2710123100 | ----- бензинҳои ҳавопаймо: | 70 евро<br>барои 1<br>тонна |
| | -------- бензини автомобилӣ: | |
| 2710124110<br>2710124120<br>2710124130<br>2710124190<br>2710124500<br>2710124900<br>2710125100<br>2710125900 | ---- бо рақами октании камтар аз 80 (бо усули муҳаққиқ)<br>--- бо рақами октании 80 ё зиёда аз, вале на камтар аз 92 (бо усули таҳқиқот)<br>--- бо рақами октании 92 ё зиёда аз (бо усули таҳқиқ)<br>-----дигар<br>----- бо рақами октании 95 ё зиёда аз он вале камтар аз 98 (бо усулли таҳқиқот)<br>----- бо рақами октании 98 ё зиёда аз он (бо усулли таҳқиқот)<br>------бо рақами октании камтар аз 98 (бо усулли таҳқиқот) | |
| | Дистиллиятҳои мобайнӣ:<br>Керосин: | |
| | Дистиллиятҳои вазнин:<br>Газойлҳо: | |
| 2710193100<br>2710193500<br>27101942<br>2710194600<br>2710194800 | Барои равиши маҳлулбарории махсус<br>Барои равиши мубаддали кимиёвӣ, ғайр аз дар зермавқеи<br>2710193100 зикргардида<br>Бо дороии сулфур на зиёда аз 0,05 %-и вазн<br>Бо дороии сулфур зиёда аз 0,05 %-и вазн, вале на зиёда аз 02%-и вазн<br>Бо дороии сулфур зиёда аз 0,2%-и вазн | 15 евро<br>барои 1<br>тонна |
| | Сӯзишвориҳои моеъ: | |

| | | |
|---|---|---|
| 2710201100 | -- газойлҳо:<br>---бо дороии сулфур на зиёда аз 0,05 %-и вазн | 15 евро барои 1 тонна |
| 2710201500<br><br>2710201900 | ---бо дороии сулфур зиёда аз 0,05 %-и вазн, вале на зиёда аз 0,2 %-и вазн<br><br>---бо дороии сулфур зиёда аз 0,2 %-и вазн | |
| 2710209000 | --маҳсулоти дигари нафтӣ | 70 евро барои 1 тонна |
| 2711 | Газҳои нафтӣ ва карбогидриди газгуни дигарҳо, ғайр аз газҳои нафтӣ ва карбогидриди газгуни тариқи қубурҳо интиқолшаванда | 10 евро барои 1 тонна |
| Гурӯҳи 40<br>Каучук, резин ва маснуот аз онҳо | | |
| 4011 | Резинчархаҳо ва покришкаҳои пневматикии резинии нав: | 20% |
| 4012 | Резинчархаҳо ва покришкаҳои пневматикии резинии барқароршуда ё истифодашуда; резинчархаҳо ва покришкаҳои яклухт ё нимпневматикӣ, резивчархаҳо - протекторҳо ва тасмаҳои доирашакли резинӣ: | 20% |
| Гурӯҳи 87<br>Воситаҳои нақлиёти рӯизаминӣ, ба ғайр аз ҷамъи нақлиёти роҳи оҳан ё трамвайҳо, қисмҳо ва лавозимоти онҳо | | |
| 8703 | Автомобилҳои сабукрав ва воситаҳои дигари нақлиёти муҳаррикдор, асосан барои интиқоли одамон таъйиншуда (ба ғайр аз воситаҳои нақлиёти муҳаррикдори мавқеи молии 8702), аз ҷумла автомобилҳи каппадори боркаш ва автомобилҳои пойга: | 14%, вале на кам аз 0,20 евро барои 1 см$^3$ ҳаҷми кории силиндрҳои муҳаррик |

Ҳамзамон, мутобиқ ба қисми 3 Қарор, тағйироти мазкур пас аз 1 майи соли 2025 мавриди амал қарор дода мешавад. Ҷиҳати дуруст муайян намудани уҳдадории андозӣ истеҳсолкунандагони молҳои зераксизӣ ба санаи 1 майи соли 2025 бақияи молҳои зераксизие, ки меъёри онҳо тағйир ёфтааст, барӯйхатгирии (инвентаризатсия) гузаронанд.

Бо назардошти тавзеҳоти дар боло қайдгардида сарраёсатҳо ва раёсатҳои дастгоҳи марказӣ ва мақомоти ҳудудии андоз вазифадор карда мешаванд, ки субъектҳои хоҷагидории тобеи худро бо мактуби дастурии мазкур шинос намуда, риояи талаботи онро аз ҷониби субъектҳои соҳибкорӣ таъмин намоянд.

Замима: дар ___в.

Раис Н.Давлатзода